**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

**Насриддинзода Э.С.**

**_______________________**

**«___»_____________2024 с.**

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба рисолаи номзадии Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи унвонҷӯ Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ омода шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар

мавзуи «Муаммоҳои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждании, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои инкишофи назария ва такмили амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, тақвияти ҳокимияти судӣ, самаранокии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигар оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» рӯйи кор омадааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф Исоев Комёр Мадвалиевич ба яке аз масъалаҳои мубрами мурофиаи ҷиноятӣ дар шароити муосир – исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Мусаллам аст, ки вазифаи асосии далел ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ ин таъмини муҳокимаи судии одилона ба шумор меравад. Айни замон падидаи исбот бо дарназардошти якчанд омилҳо мубрам ба шумор рафта, руйкардҳои нави муосир ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дар илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ зарур меоянд. Ин омилҳо пеш аз ҳама дар ҳимояи ҳуқуқӣ, инкишофи технология, боздидҳои (ислоҳотҳо) ҷадид, стандартҳои байналмилалӣ ва ғ. инъикос мееёбанд.

Алҳол инкишофи технологияи муосир ба соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ таъсири азим расонида истодааст. Дар ин замина, дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, бахусус падидаи исбот ин таъсиррасонӣ баръало ба мушоҳида мерасад. Чунончи, рушду нумӯи технологияи муосир имрӯзҳо имконият фароҳам оварда истодаанд, ки василаҳои нави ҷамъоварии далелҳо вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ руйи кор оянд. Ё ин ки анҷом додани экспертизаҳои мухталиф сабаби кушодашавии ҷиноятҳо мегарданд.

Табиист, ки ин раванд ногузир аст ва боиси он мегардад, ки ҷиноят дар доираи парвандаҳои ҷиноятии баррасишаванда сари вақт ва пурра ошкор карда шаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон наворҳои

назоратӣ (видеокамераҳо) яке аз омилҳои калидии ошкоршавии ҷиноятҳо гаштаанд. Аз ин хотир, технологияи муосир аз ҷониби субъектони босалоҳият (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор) зимни анҷом додани рисолати худ бояд ба таври бесобиқа мавриди истифода қарор дода шаванд.

Омили дигаре, ки бевосита ба мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда таъсир мерасонад – ин мавҷудияти бознигарӣ (реформаҳо) мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 Кодекси мурофиавии ҷиноятии худро қабул намуд, ки дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон бесобиқа дониста мешавад. Маҳз қабул гардидани Кодекси мурофиавии ҷиноятии нав боиси инкишофи падидаҳои мухталиф, аз ҷумла падидаи далел ва исбот гардид. Аз ин ҷост, ки инкишофёбии падидаи исботкунӣ корҳои таҳқиқотиро дар ин самт тақозо менамояд.

Яке аз мушкилоти калидии мурофиаи муосири ҷиноятӣ масъалаи ҳақиқат ҳамчун ҳадафи исбот ба шумор меравад. Дар тӯли тамоми давраи рушди илми мурофиавии ҷиноятӣ ин масъала доимо дар маркази таваҷҷуҳи мурофиачиён қарор дошт ва ҳоло қарор дорад. Бояд афзуд, ки то имрӯз ягон кори маҷмуии мукаммал дар хусуси методологияи ҷадиди падидаи исбот, нақши суд дар раванди исботкунӣ, истифода гардидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ғ. ба табъ нарасидааст. Аз ин хотир, ин қабил мушкилот дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ҳанӯз боқӣ мемонанд.

Амалияи фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳои кишвар бо парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки то ҳанӯз ҳолатҳои алоҳидаи бидуни ҷамъоварии далелҳои кофиву боэътимод ва дуруст ба роҳ намондани фаъолияти исботкунӣ ҳолатҳои ғайриқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон аз байн нарафтаанд. Аз ҷумла, дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба ва

пурраву холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд ва ҳамзамон ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, сабуккунанда, вазнинкунанда ва асосҳои ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Мутаасифона, ин талаботи қонун аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ на ҳама вақт риоя мегардад. Дар баъзе мавридҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон халалдор гашта, онҳо беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва дар натиҷа дар мурофиаҳои судӣ айби эълонгардида исботи худро наёфта, аз ҷониби судҳо ҳукми сафедкунанда бароварда мешавад. Чунончи, дар ин давра аз ҷониби судҳо нисбат ба 121 нафар ҳукмҳои сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 62 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ба итмом расонидашуда ва 59 нафар ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вобаста мебошанд. Ҳамчунин, нисбат ба 151 нафар ҳукмҳои қисман сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 13 нафар бо парвандаҳои айбдоркунии хусусии оғознамудаи судҳо ва 138 нафар бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба итмом расонидашуда мебошанд».

Доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Бо вуҷуди мавҷудияти доираи васеи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба масъалаи исботкунӣ онҳо дар умум кулли мушкилоти илмӣ-назариявиро оид ба падидаи исботкунӣ фаро нагирифтаанд.

Бо боварии комил изҳор намудан мумкин аст, ки натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта барои рафъ гардидани мушкилот дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ, ҳамзамон дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба таври дурусту муназзам татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ истифода гардида, дар маҷмуъ ба назария, қонунгузорӣ ва амалияи

ҳуқуқтатбиқнамоӣ таъсири мусбат хоҳад расонид. Дар умум, омилҳои болозикр мубрамияти мавзуи таҳқиқотро собит менамоянд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот хулосаҳои назариявию амалӣ, ақидаҳову пешниҳодҳои судманд инъикоси худро пайдо намудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Исоев, К.М. Некоторые вопросы субъектов доказывания в уголовном процессе [Текст] / К.М. Исоев // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С. 120-124; ISSN 2307-5198.

**[2-М]** Исоев, К.М. Муқаррар кардани ҳақиқат ҳамчун мақсади исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6 Қ. II. – С. 213-216; ISSN 2413-5151.

**[3-М]** Исоев, К.М. Ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ, талаб намудани предмет ва ҳуҷҷатҳо ҳамчун воситаи ҷамъоварии далелҳо [Матн] / К.М. Исоев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №2 (26). – С. 183-192; ISSN 2414 9217.

**[4-М]** Исоев, К.М. Исботкунӣ ва махсусиятҳои гносеологии (маърифат) он дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев //

Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷалаи илмӣ-амалӣ). – 2023. – №4 (22). – С. 242-250; ISSN 2414 9217.

**[5-М]** Маҳмудов, И.Т., Исоев, К.М. Баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои норавшани он дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.М. Исоев // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 248-253; ISSN 2410-2903.

II Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[6-М]** Исоев, К.М. Ҳолати ҳуқуқии ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ (Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ) / Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. ва Сафаров А.И. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 341-345.

**[7-М]** Исоев, К.М. Соотношение процессуального познания и доказывания [Текст] / К.М. Исоев // Материалы республиканской научно-практической конференции: «Роль судьбоносной 16 XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства» / под редакцией к.ю.н., доцента Рахмон Д.С. – Душанбе, 2017. – С. 206-209.

**[8-М]** Исоев, К.М. Баъзе масъалаҳои назариявии ҷамъ овардани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Маводи конфренсияи илми амалӣ дар мавзуи: «Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 80-умин солгарди ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Н.А. ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ (ш. Душанбе, 25 июни соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 221-224.

**[9-М]** Исоев, К.М. Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон [Матн] / К.М. Исоев // Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн: 10-соли амал, мушкилот ва дурнамо (маводи

мизи гирди ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе 16-уми ноябри соли 2020) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. – Душанбе, 2022. – С. 146-150.

**[10-М]** Исоев, К.М. Консепсияи муосири тафтиши далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 6 октябри соли 2022). Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 160-165.

**[11-М].** Исоев, К.М. Таносуби тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / К.М. Исоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М, дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 22 июни соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 280-284.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро вобаста ба мавзуъ фаро мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар хулоса ва пешниҳодҳои илмии таҳияшуда, ки моҳият ва аҳаммияти исботкуниро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян менамояд, ифода мегардад. Бархе аз натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти диссертатсиониро ҷиҳати такмил додани падидаи исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии амалиявӣ бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои аҳаммиятноки парванда, ҳамчунин дар коркарди минбаъдаи назариявии проблемаҳои илмии падидаи исботкунӣ истифода намудан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад, дар хулосаҳо ва пешниҳодҳо роҷеъ ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва тавсияҳои амалӣ барои фаъолияти кормандони мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ таҷассум мегардад.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ дар раванди омӯзиши фанҳои «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», курсҳои махсуси «Назарияи далел ва исбот», «Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои мурофиавии давраҳои тосудӣ» ва ғ. истифода гарданд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиши мукаммал ва мустақили илмӣ, ки дар заминаи қабули Кодекси ҷадиди мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ сурат гирифтааст, ифода меёбад.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои ҳалталаб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз қабили ҷанбаҳои мантиқӣ, психологӣ ва ахлоқӣ доштани падидаи исботкунӣ, падид омадани мафҳуми исбокунӣ ҳамчун фаъолияти амалӣ ва равонӣ, истифода гардидани предмети исботкунӣ чун «барномаи корӣ» аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, нақшҳои мушаххаси иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ дар раванди исботкунӣ, банизомдарории маҳакҳои баҳодиҳии далелҳо ва ғ. Ҳамаи ин масоилҳои аҳаммиятнок аз ҷониби муаллиф таҳлил ва илман асоснок карда шудаанд. Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мушкилоти ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, баҳри ислоҳ намудани онҳо таклифҳои судманди назариявию ҳуқуқӣ ва амалӣ коркард шудааст. Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба мавзуи интихобнамудааш дар таҳқиқоти диссертатсионӣ,

муаллиф ба хулосаи ниҳоӣ омада дар рисола пешниҳодҳои судманд оварда шудааст. Масалан:

1. Мафҳуми пешниҳод гардидаи «исботкунӣ» дар м.85 КМҶ ҶТ воҷиб аст таҷдиди назар карда шавад. Муаллиф мафҳуми исботкуниро дар моддаи алоҳида дар таҳрири зайл пешниҳод менамояд: «Исботкунӣ – ин тарзу тартиби бо қонун муқарраршудаи фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки ҷиҳати ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, ба амал бароварда мешавад». Рисолавис ҳамчунин воҷиб мешуморад, ки қисми 2 ҳамин модда ба таври зайл пешбинӣ шавад: «Уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда мешавад. Дар раванди исботкунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо метавонанд иштирок намоянд».

2. Бо мақсади рафъ намудани мушкилотҳои ҷойдошта вобаста ба падидаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан боби 4, инчунин мубин нишон додани суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ зарур аст боби 4 КМҶ ҶТ таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири зерин манзур карда шавад: «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад». Баъдан зарур аст, ки судро ҳамчун иштирочии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба иҷн боб ишора намуд.

3. Дар м.15 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад. КМҶ ҶТ калимаи айбдоркунандаро пешбинӣ намудааст, вале номаълум аст, ки кадом айбдоркунанда. Аз ҳамин нуқтаи назар, муаллиф бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ пешниҳод менамояд, ки ба қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бар ивази калимаи «айбдоркунанда», «айбдоркунандаи хусусӣ ва давлатӣ» ворид карда шавад. Яъне, қ.2 м.15 КМҶ ҶТ бояд дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунандаи хусусӣ ва давлатӣ гузошта мешавад».

4. Иштирокчиёне, ки дар м. 86 КМҶ ҶТ зикр ёфтаанд, ҳуқуқ доранд, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва минбаъд ба субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ пешниҳод намоянд. Ба назари диссертант айбдоркунандаи хусусӣ низ бояд дар қ.4 м.86 КМҶ ҳамчун иштирокчии пешниҳодкунандаи далелҳо ишора карда шавад. Зеро айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҷабрдида истифода мебарад. Ҳолати ишора накардани айбдоркунандаи хусусӣ дар моддаи зикрёфта собит менамояд, ки КМҶ ҶТ то кунун ба иштирокчии нави мурофиа, баҳои ҳуқуқии муносиб ва сазовор нагузоштааст.

5. Омӯзиш ва таҳлил нишон медиҳанд, ки амалҳои тафтишӣ роҳи ягонаи ҷамъ овардани далелҳо нест. Далелҳо ҳамчунин тавассути ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ин хотир, диссертант зарур мешуморад ки қ.1 м.86 КМҶ ҶТ дар таҳрири зайл манзур карда шавад: «Ҷамъ овардани далел дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва ҳаракатҳои дигари мурофиавӣ анҷом дода мешавад».

6. Бо мақсади аз байни бурдани дуҳӯрагӣ ва гуногунфаҳмӣ муаллиф ба мақсад мувофиқ мешуморад, ки дар матни КМҶ ҶТ истилоҳи «тафтиши далелҳо» ё ин ки «тадқиқи далелҳо» истифода карда шавад.

7. Таҳлил ва омӯзиши эътиқоди ботинӣ дар илм ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки зарурати ворид намудани баҳодиҳӣ далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ чун принсипи ҷудогона дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст. Бо мақсади такомул ва инкишофи падидаи баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ ва умуман муқарраротҳои КМҶ ҶТ муаллифи рисолаи диссертатсионӣ зарур мешуморад, ки ба боби 2 КМҶ (принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ) принсипи алоҳида бо номи «баҳодиҳии далелҳо аз рӯи эътиқоди ботинӣ» ворид карда шавад».

8. Маҳз ҷанбаи сирф фаъолияти равонӣ баҳодиҳиро аз ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ тафриқа менамояд.

Баҳодиҳӣ дар фарқият аз ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо аз ҷанбаҳои эмпирикӣ ва амалҳои ҷисмонӣ (физикӣ) орӣ мебошад.

9. Зикр мегардад, ки дар сатҳи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ байни мафҳумҳои субъекти исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ фарқият гузошта мешавад.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф гузаронидашуда, тавассути истифода шудани усулҳои таҳқиқи умумиилмӣ ва махсус муайян карда шудааст. Дар баробари ин, роҷеъ ба мавзуи таҳқиқшаванда диссертант ба рисолаҳои олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хориҷӣ, ки масоилҳои вобаста ба падидаи исботкуниро бо ин ё он шакл таҷассум менамоянд, такя намудааст. Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба Конститутсияи ҶТ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ (2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2021 ва Қарорҳои Пленуми Суди олии ҶТ тасдиқ карда мешавад.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар боло матраҳгардида, кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ,

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи банди 31-35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Исоев Комёр Мадвалиевич дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Дӯнишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар, аз ҷумла 2 доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 5 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 17 нафар, «муқобил» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №8 аз 14-уми марти соли 2024.

**Раисикунандаи ҷаласа: н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Баҳриддинзода С.Э.**

**Котиби ҷаласа: мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Охунова Н.Ш.**

**Имзои Баҳриддинзода С.Э., ва Охунова Н.Ш., -ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.**

**«14» марти 2024 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj